# ТАҚРИЗ

**ба рисолаи илмии Фаттона Бадахш дар мавзӯи “Ҷанбаҳои таърихӣ, иҷтимоӣ дар осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ (таҳқиқи қиёсӣ)”, Душанбе, 2020, 216 с.**

Таърихи адабиётро бо масъалаҳои назарию адабӣ таҳқиқ намудан кори басо душвору заҳматталаб мебошад, ки на ҳар кӣ аз уҳдаи ин кор хуб баромада метавонад. Барои чунин кор анҷом додан заминаҳои хуби таҳқиқӣ доштан зарур аст, зеро мухтавои асари ба дастгирифта ҳарчанд хеле мураккаб аст, дар навбати худ пурмоя, зебо ва муассиру дилпазир навишта шудааст. Рисолаи дар даст доштаамон, ки онро унвонҷӯи марзи Афғонистон Фаттона Бадахш дар бораи фаъолияти эҷодии ду шахси барӯманди адабу фарҳанг Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ навиштааст, аз беҳтарин ва арзишманднoктарин асари илмии назарӣ ва нақди адабӣ шуморида мешавад. Ӯ дар ҳар саҳифа як сухани тоза, як мулоҳизаи пурбаҳоро ҷой дода, аз аввал диққати хонандаро ба мухтавои асар ҷалб кардан меҳоҳад. Ин рисола воқеан як намунаи бисёр хуби асари илмӣ мебошад, ки хонанда аз хулосаву бардоштҳои илмии муаллиф барои худ зиёд манфиат мебардорад.

Муҳаққиқи рисола дар асоси муқоисаи эҷодиёти Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ, ки яке тоҷик ва дигар афғон аст, дар ду марзи Ому, дар муҳити адабӣ ва сиёсию иҷтимоии аз ҳамдигар мутафовит қомат рост карда фаъолият намудаанд, ҳар дуро ҳам дар мизони таҳқиқ гузошта, бо муҳити адабии ду кишвар ба андеша гирифтан, дар бораи эҷодиёти ҳар ду мулоҳизаҳои шавқовару хонданбоб навиштан кори на чандон осон мебошад. Фаттона эҷодиёти адибони мазкурро аз ҷиҳатҳои таърихиву иҷтимоӣ, мухтавои шеъру достон, шабоҳатҳои мавзӯӣ, таҳаввули бадеиву сохторӣ ва сабки сухан муаррифӣ менамояд. Агар ӯ нависад, ки Восифи Бохтарӣ дар замони душвори таҳдиду ситам зиндагонӣ карда, дар зери пардаҳои сухан (образу устураҳо) пинҳон шуда мулоҳиза менамуд ва аз ин ҷиҳат мулоҳизаҳояш душворфаҳм мебаромаданд, вале Муъмин Қаноат як андоза озодӣ дошта, ба мавзуъҳое мисли таърих, ватан, ҷанг, озодӣ даст мезад, ки хонанда ҳар кадомро бо ҷону дил қабул ва аз бар менамуданд.

Рисола аз се боб, 11 фасл, сарсухану охирсухан ва китобнома иборат шуда, ҳар кадом бо тозагӣ ва гузоришҳои нави назарию таҳқиқӣ, муқоисавию татбиқӣ дар хонанда эҳсосоти тоза бедор менамояд, чунин асар бо муҳтавои худ пештар аз ҷониби дигар шахсон гуфта нашудааст. Фаттона Бадахш таърихи адабиёти форсии дарӣ ва тоҷикӣ, ҳамаи маводи атрофи эҷодиёти ин ду адиб ва умуман адабиёти мунтақидони худию хориҷиро омӯхта, рисолаи аз ҷиҳати назария пуркувват ба таҳқиқ гирифтааст.

Мусанниф умумият ва шабоҳатҳои эҷодии шоирон Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтариро ҳамчун таърихнигор, муҳаққиқу мутарҷим таъкид менамояд, ки онҳо бо забони содда, бо худшиносиву ифтихороти миллӣ, равшангариву хирадварзона навишта шудаанд. Фаттона Бадахш агар дар бораи Муъмин Қаноат сухани Г.Ломидзеро оварда гӯяд, ки "достони "Сурӯши Сталинград"-ро дар чунин банду баст ва афкори ҷасурона дар ягон адабиёти миллатҳои советӣ надидааст", ё эътирозашро ба Вл.Луговской бо байте қайд намояд: "Агар дар хонаи тоҷик тамоми чиз ночиз буд, Ба ҳар гаҳвора ҳофиз буд, ё девони Ҳофиз буд", Восифи Бохтариро низ чун шоири мубориз у муътариз, хирадварзу шӯрангез ба муқобили сиёсати ҳокимону душманон ба мисоли зер ба тасвир мекашад: "Андешааш аҳриманӣ, нопоктар аз деву дад". Ҳамчунин: "Фарзона он гадо, ки ба хоки Ватан зияд, Дорад чунон ғурур, ки султон ба тахти хеш". Муаллиф дар рисола эҷодиёти пурбаҳои ҳар дуро дар муқоиса гузошта, ҳамчунон ба зайли хулоса менависад: "Дар шеъри Муъмин Қаноат руҳи инқилобталабӣ нест, чунки шоир дар замони осоиштатаре нисбат ба Восифи Бохтарӣ зиндагӣ мекард, қадри шоир баланд ва қимати суханаш воло буд ва касро ба инқилоб даъват намекард, аммо дар шеъри Восифи Бохтарӣ талош ва мубориза ва ситондани ҳақи хеш аз таърих дида мешавад" (с.51). Зеро ба фикри мо, барои Муъмин Қаноат эҳтиёҷ ба чунин хосияти шеър набуд ва агар мебуд ҳам, Муъмин Қаноат мазмунҳои инқилобиро ба дараҷаи олӣ ба сифати аз Бохтарӣ ҳам зеботару пурхурӯштар ба тасвир меовард. Шеъру достонҳои ӯ намунаҳои олии инқилоби фикрӣ, азамати баланди сухани шоирона аст, ки намунааш дар назми ҷаҳон кам ба чашм мехӯрад.

Муаллиф дар баҳси анвои шеър Муъмин Қаноатро ҳамчун шоири шеърҳои нави ҷаҳонӣ мешиносад. Дар эҷодиёти вай шеърҳои хурди анъанавии ба сурати нав навишташударо зиёд дидааст, вале вай ҳамчун достоннавис, шоири ашъори мукаммали ҷаҳонӣ ном баровардааст. Фаттона Бадахш дар ин нисбат чанд омили ба достонҳои нави замонӣ даст задану муроҷиат карданашро дар озодии сухан, навъҳои шеър ва дар шаклу қофия осон гирифтани тарзи баёнро мушоҳида кардааст. Ӯ тозагиҳои эҷодиёти шоири тоҷикро дар мухаммасу мустазод ва мусаммат зиёд дида, ҳамчунин иқрор мешавад, ки Муъмин Қаноат аз шеъри наву шеъри озоди Эрон баҳра набурда, баҳрагириаш асосан аз ашъори шоирони русу ҷумҳуриҳои шӯравӣ ва Аврупо—англисию немисӣ ва шоирони фаронса будааст. Вале баръакс, Восифи Бохтарӣ аз шоирони форситабор бештар ғизо гирифта, ба шеъри нимоию шеъри сапеди онҳо зиёд пайвастааст. Ғазал, ба фикри диссертант, аз аввал то охир навъи дӯстдоштаи ин шоир буда, онро ба муҳити замони худ созвор намуда, ба он рангу бӯи тоза меовард, дар он сабкҳои ирфонию ҳиндӣ ва хуросониро меомехт, "мазмунҳои ҷадиди вокеӣ, сиёсию иҷтимоӣ ва бисёри дигарро ба ҷӯйбори ғазал ҷорӣ менамуд" ва ҳоказо.

Муаллифи рисола сабабҳои ба достон гузаштани Муъмин Қаноатро бо фикри Худой Шариф ва Раҳими Мусулмониён ва дигарон, муҳимтар аз суҳбати худ бо шоир изҳор доштааст, ки бародаронаш Абдуллоҳ ва Анвар дар ҶБВ яке кушта ва дигар беному нишон гардид. Дувум, шоир дар омӯхтани сиёсати ҷанг мушоҳида кардааст, ки корномаҳои ҷангии қаҳрамонони тоҷик дар замони ҷанг ба инобат гирифта намешуданд. Масалан, Саидаҳмад Каримов се бор ба унвони қаҳрамонӣ пешниҳод шудааст, лекин унвонро ба намояндагони дигар халқу миллатҳо медоданду ба ӯ не. Бинобар ин ҳам шоир изҳор доштааст: "Ман аз рӯйи ҳамин алам ва бесоҳибии миллат ин корро кардам ва рӯй овардам ба ҷангноманависӣ" с. 91).

Мулоҳизаи муаллифи рисола дар бораи достонҳо ин аст, ки Муъмин Қаноат "жанри достоннависии ҳамосиро дар адабиёти асри бистуми тоҷик дубора эҳё кард ва достони ҳамосиро дар шакли нав зинда намуд. Зарурати замон ва миллат низ боиси ба вуҷуд омадани чунин сабки

достоннависӣ гардид". Устод Қаноат дар достонҳои худ бисёр масъалаҳои миллию иҷтимоӣ ва сиёсие ба миён гузоштааст, ки достономўзҳои мо бо аслу моҳияти онҳо ҳанўз дуруст кордор нашудаанд.

Фаттона Бадахш дар боби савум, ки "баррасию қиёсии ҳунарӣ дар эҷодиёти ин ду шоир ном дорад, асосан дар бораи забони осор, символизми иҷтимоӣ ва бостонгароӣ, хусусиятҳои бадеӣ ва вазну қофия, радиф дар ашъори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ мулоҳиза менамояд. Ин боб ҳам аз кисмҳои муҳимтарини рисола буда, мусанниф дар бораи ҳунару маҳорати нигорандагии адибон андеша кардааст. Символизми иҷтимоӣ яке аз муҳимтарин қисматҳоест, ки муаллиф дар бораи он махсус ва алоҳида андешидааст. Ба фикри ў, символизм ҳарчанд дар Аврупо (Фаронса) рушд кард, вале он ҷузъи муҳимтарини шеъри ҷаҳонӣ буда, дар адабиёти гузаштаи мо, хусусан дар адабиёти ирфонӣ васеъ ҷараён дошт. Ба қавли соҳиби рисола, Санойӣ, Аттор, Мавлавӣ, Ҳофизу Ҷомӣ ва дигарон аз намоду тамсил ва рамзу маъниҳои пўшида зиёд истифода менамуданд. Оина, Симург, Офтоб ва монанди инҳо дар эҷодиёташон таъсиргузор шуда, хонандаро ба ҷустуҷў ва пўиш меандозад, бинобар ин ҳам, шоирон аз онҳо фаровон истифода менамуданд.

Фаттона Бадахш инчунин таъкид менамояд, ки Восифи Бохтарӣ аз қадамҳои аввал дар зери таъсири Нимо ва шеъри нимоӣ монда, дар шеъри форсии дарӣ символизми иҷтимоиро ривоҷ дод, ва яке аз пешвоёни симбулизм дар назми Афғонистон шинохта шуд. Намод дар эҷодиёти ў маънои хосе дошта, барои баёни дардҳои иҷтимоӣ гуфта мешуданд. Қувват гирифтани ашъори намодӣ ё символизми иҷтимоӣ дар адабиёти форсизабон умуман аз он ҷиҳат будааст, ки шоирон бинобар гуфта натавонистани фикрҳои ормонгароёнаи худ ба пўшидабаёнӣ ва роҳҳои душворфаҳми ифодаи фикр мепардохтанд. Б ҳам яке аз шоироне буд, ки қариб 80 фӣ сади ашъорашро ба ин равия навиштааст, лекин маҷбур мешуд, ки чунин рафтор намояд. Шоир, ба фикри муҳаққиқ, "дар баробари зулму истибдод муҳри сукут ба лаб нагузошта, садои озодихоҳӣ нисбат ба зулму ситез баланд мекард" (с. 138). Раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар раҳбарии устод

Мирзо Турсунзода ҳар чизи номафҳуми барои хонандагонро рад менамуданд. Аз ин рӯ, баъзе намунаҳо дар шеъри тоҷикӣ аз ашъори нимой, символизми иҷтимоӣ дар таъсири навовариию навҷӯиҳои олами Ғарб низ таҳвил мешуданд. Муъмин Қаноат фармудааст: "Навигарӣ дар шеъри тоҷик аз таъсири Русия ва Аврупост. Мо, шоирони солҳои шастум, ки шоирони рус ҳам бо мо буданд, шеърро аз қолибхову бандҳо раҳо кардем. Вазн, тасвир, маънӣ ва андеша – ҳамаро нав кардем ва тозагиро дар шеър мо овардем, яъне як ҷаҳонро нав кардем" (с.150).

Забони ашъори Муъмин Қаноат нисбат ба забони ашъори Восифи Бохтарӣ пурвусъат, ҷозибанок ва мустаҳкаму мутантан буда, зуд касро ба таъсири худ мегирад. Зеро маъниҳои баланди сиёсию иҷтимоӣ бо эҳсоси озодандешию ватандӯстона тез ба фаҳму идроки хонанда менишинад. Забони шеъри тоҷикӣ, аз ҷумла забони ашъори Муъмин Қаноат ҳам тамоман озод ва бидуни намод набудааст, диссертант дар осори Муъмин Қаноат низ роҳҳои гуногуни истифодашавии намоду устура, рамзу талмеҳро дар мисоли Хуршед, Маҳтоб, хату хол, Ватан, гаҳвора, Модар ва калимаҳои руҷӯии дохили достонҳо дидааст, ки ҳар кадом мафҳумҳои алоҳидаи намодӣ доранд. Хоку замину об, ҳаёту набард, бузургӣ ва салобати ашъорро дар худ гунҷоиш медоданд.

Дар вазну қофия ва радиф муаллиф китобҳои зиёди назарӣ хонда, хулосаҳо бардошта, дар симои ин ду шоир поэтикаи анъанавии классикии тоҷикӣ ва дарии форсиро ба таҳқиқ мегирад. Агар диссертант дар симои ВБ як шоири арӯзидонро пайдо карда бошад, ки вай дар рисолаи "Суруд ва сухан дар тарозу" асари Ватвотро ҳошиянависӣ ва таълиқ карда, дар ҳар боб аз ашъори классикон ва ашъори нимоӣ намунаҳо оварда, дар 50 вазн шеър навиштааст, миқдори вазни ашъори МҚ-ро ҳам бояд ҳамин тавр нишон медод, лекин он номаълум мондааст. Муаллиф дар ин мавзуъ ҳам Муъмин Қаноатро аз пешгомони "арӯзи нав" шинохтааст. Зеро ин шоир "вазнро тибқи мазмун ва муҳтавои асар интихоб карда, вазни мувофиқро ба кор мебурд. Ҷойе, ки маъно тақозо кунад, мисраъҳоро дароз ва ҷое, ки эъҷоз хоҳад, каломашро фишурда ва бо вазни хоси он менавишт". Ва муҳаққиқ ҳамаи ашъори ин ду шоирро якта-якта аз назари вазн санҷида, шумурда ва таблитса тахия кардааст.

Ашъори ҳар дуро мусовӣ дар баҳрҳои муҷтас, рамал, ҳазаҷ, музореъ, мутақориб, раҷаз бо чандомад нишон додааст. Фақат фарқ дар миқдори баҳрҳо ба қайд гирифта шудааст, ки агар Восифи Бохтарӣ дар мутадорик як шеър навиштааст, Муъмин Қаноат дар хафиф 8 шеър доштааст.

Муҳаққиқ дар қофия низ фикру андешаҳои тоза ҷамъоварӣ карда, қофияро сувари мусиқии шеър медонист, дар баробари вазн онро "растохези калимот" (Шафеии Кадканӣ), ашъори беқофияро "хонаи бесақфу дар ва инсони бепӯишу ороиш" (Нимо) мегуфт. Зарринкӯб қофияро дар шеър мисли меҳмоне донистааст, ки шоирон барояш интизорӣ мекашанд, вале баъзе ба он дар мурури асрҳо нигоҳи инкорӣ доштанд. Агар дар гузашта навоварии қофияро инҳироф ва фасод мешумурданд, дар замони муосир навоварӣ дар қофияро васеъ ба кор андохтанд.

Муаллиф қофияро дар ашъори Бохтарӣ ихтиёрӣ ва як навъ кашф қабул карда бошад, ба қофияҳои Муъмин Қаноат бо фикру биниши тоза нигоҳ мекард, ки қофия офаридаҳояшро зебову шево мегардонад. Агар фикри Гулназарро ба инобат бигирем, Қаноат бештар ба сурудани шеърҳои серқофия ҳавас дошт ва равонию шевоии назмашро бештар аз ҳамин ҷиҳат ба ҳисоб мегирифт. Қофияҳои паиҳам овардааш дар достонҳои хусусан "Сурӯши Сталинград" ва "Тоҷикистон исми ман" мисли навоҳои "Шашмақом" гӯшнавозӣ карда, ҳиссиёти моро бармеангезанд" (с.193).

Хулоса, рисолаи Фаттона Бадахш дар мавзӯи "Ҷанбаҳои таърихӣ, иҷтимоӣ дар осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ (таҳқиқи қиёсӣ)" аз рисолаҳои пурмуҳтавои қиёсӣ ва назариявӣ буда, мавзуъҳои дохилии фарогирифтаро хеле хуб анҷом медиҳад. Фақат дар баъзе ҷиҳатҳо камэътиборӣ дида шудааст, ки аҳамияти бузурги рисоларо суст намегардонанд. Инҳо дар шакли зайл намудор мешаванд:

1. Иқтибосҳо аз муҳаққиқону китобҳои назарӣ хеле зиёд оварда шудаанд, як қисми онҳоро мазмунан бо сухани худ шарҳ додан мумкин буд;

2. Такрори баъзе фикрҳо дар бобҳо ва фаслҳои ҷудогона дида мешаванд. Масалан, мазмуни инқилобии ашъори Восифи Бохтарӣ чор навбат дар ҳар қисм такрор шудааст;
3. Як қисм иқтибоси дар матн овардашуда дар китобнома ё дида намешаванд, ё ба ҷойи он дигар шахс ва асари ӯ номгузорӣ шудаанд. Ниг: с. 91- № 118; с. 95-№ 124; с. 93-№ 5 ва ҳоказо.

Мақолаҳои чопшуда ва мазмуни фишурда бо мӯҳтавои рисола мувофиқат менамояд. Рисолаи илмии Фаттона Бадахш дар мавзӯи "Ҷанбаҳои таърихӣ, иҷтимоӣ дар осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ (таҳқиқи қиёсӣ)" ба ҳамаи талаботи 6Д.КОА.040 -и Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, бо ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти мамолики хориҷӣ (адабиёти тоҷик) арзандаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

**Раҳмонов Шоҳзамон Абдуқодирович,**
доктори илми филология, профессор, мудири шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, АМИ ҶТ

МӮҲРИ КАДР

01.06.2020

Тасдиқ мекунам кадр/ Нарзиқулова Х.
имзои Раҳмонов Шоҳзамонро